# Ҳисоботи
# ҷамъбастӣ оид ба фаъолияти аудиторӣ ва иҷрои буҷети Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар **соли 2024**

Дар фаъолияти Палатаи ҳисоб, ислоҳоти соҳавӣ идома ёфта, омӯзиши Стандартҳои байналмилалии аудит ва таҷрибаҳои пешқадами мақоми олии аудити кишварҳои хориҷӣ ҷиҳати гузарондани аудит ва таҳияи ҳисобот аз натиҷаи он, роҳандозӣ гардида истодааст.

Нақшаи стратегии рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 бо дар назар доштани анҷомёбии стратегияи қаблӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, тахдидҳо ва хавфҳои нав, ҳадафҳои рушди устувор, инчунин, натиҷаи баҳодиҳии мустақили берунаи сифати аудит ва фикру андешаҳои ҷонибҳои манфиатдор таҳия ва қабул гардида, мавриди амал қарор гирифт.

Мутобиқ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" сохтори Палатаи ҳисоб бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 майи соли 2024 №822 тасдиқ шуд, ки раёсати алоҳида барои гузарондани аудити самаранокӣ ба фаъолият шуруъ намуд.

Ҳамзамон, бо мақсади густариши раванди рақамикунонии иқтисод, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, рушди неруи инсонӣ ва гузарондани аудити фосилавӣ дар Палатаи ҳисоб Барномаи электронии аудит амал менамояд, ки он бо системаҳои электронии Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва қисман бо КВД БА ҶТ "Амонатбонк" пайваст шуда, мунтазам такмил дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар охири соли ҳисоботӣ ҷиҳати баҳисобгирии натиҷаҳои чорабиниҳои аудиторӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии аудит ва қонунгузории соҳавӣ Гурӯҳбандии қоидавайронкуниҳои молиявӣ таҳия карда шуд.

Дар ҳуҷҷати мазкур қоидавайронкуниҳои молиявӣ вобаста ба ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ, пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, соҳаи идоракунӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ, фаъолияти бонкдорӣ, соҳаи сохтмон ва дигар қоидавайронкуниҳо гурӯҳбандӣ карда шудаанд, ки айни ҳол зиёда 360 номгӯйро дарбар мегирад. Лоиҳаи ҳуҷҷати мазкур дар марҳалаи мувофиқасозӣ бо Вазорати молия қарор дорад.

Бо мақсади иҷрои вазифаҳои асосии Палатаи ҳисоб, аз рӯйи натиҷаи аудити берунаи мустақили давлатии "Ҳисоботи маҷмуии солонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷрои Буҷети давлатӣ барои соли 2023" дар Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, инчунин, аз натиҷаи

чорабиниҳои мақомоти назорати давлатии молиявӣ хулосаи аудиторӣ таҳия карда шуда, тибқи тартиби муқarrарргардида ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуд.

Ҷиҳати бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ оид ба аудита Ҳисоботи иҷрои буҷети давлатӣ, ба масъулини Вазорати молия ва дигар мақомоти дахлдор 132 тавсияҳои судманд ирсол гардид.

Дар ин замина, бо мақсади таъмини арзёбии саривақтию сифатноки даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ ва истифодаи самараноку мақсадноки маблағҳои буҷетӣ Палатаи ҳисоб дар соли 2024 дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳои буҷетй 192 чорабинии аудиторӣ гузаронд, ки аз он 8 ададро аудита самаранокӣ ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки аз ин шумора 84 ададро аудити фосилавӣ ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли қаблӣ 76 адад зиёд мебошад.

Аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар баробари дигар камбудию норасоиҳо қоидавайронкуниҳои молиявӣ муайян гардид.

Инчунин, дар рафти чорабиниҳои аудиторӣ қарзҳои дебиторӣ ва зерҳисобӣ ба маблағи 32,0 млн. сомонӣ, зиёдомади молу маводи арзишдор 54,9 млн. сомонӣ, маблағи бақияпулии ба буҷет воридкардашуда 832,0 ҳазор сомонй ва аз ҳисоби дигар манбаъҳо 20,9 млн. сомонӣ ба буҷет ва корхонаҳо барқарор гардида, маблағгузории сметаҳои хароҷотии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 23,5 млн. сомонӣ ва қарзҳои беасоси кредиторӣ ба андозаи 11,9 млн. сомонӣ кам карда шуда, истифодаи ғайрисамараноку ғайримақсадноки воситаҳои давлатӣ 5,3 млн. сомонӣ ва захираву талафи буҷетҳо аз ҳисоби кам ба нақша гирифтани қисми даромади буҷет ба маблағи 20,4 млн. сомонӣ муайян гардид.

Тибқи қоидаҳои муқарраршуда дар ин давра аз натидаи чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоб 44 мавод ба маблағи 34,0 млн. сомонӣ барон чораҷӯӣ ва қабули қарорҳои дахлдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, ба Прокуратураи генералӣ 19 мавод ба маблағи 22.0 млн. сомонӣ ва ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 25 мавод ба маблағи 12,0 млн. сомонӣ ирсол гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷараёни чорабиниҳои аудиторӣ қоидавайронкуниҳои молиявии муайянгардида дар натиҷаи расонидани ёрии методологӣ дар объектҳо сари вақт бартараф гардида ҷиҳати ислоҳи он ба вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо ва марказҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ 47 хулоса ва мактубҳои ахборотӣ бо 1481 тавсияҳои судманд ирсол карда шуда, аз баррасии онҳо 80 қарору фармон қабул

гардида, 382 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашида шуда, 38 нафар аз вазифаи ишғолнамуда озод карда шуданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи дониши касбии хизматчиёни давлатӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кадрӣ ва мақоми институтсионалӣ будани Палатаи ҳисоб ба шумор меравад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардида, дар доираи Стратегиям идоракунии неруи кадрии Палатаи ҳисоб барои солҳои 2021-2025 ва Нақшаи чорабиниҳо оиди татбиқи он, ҷиҳати такмили ихтисоси кормандон, омӯхтани таҷрибаи мақомоти олии аудити давлатҳои пешрафта тадбирҳои амалӣ андешида мешавад.

Тибқи сметай ягонаи даромад ва хароҷот барои соли 2024 ҷиҳати таъмини фаъолияти Палатаи ҳисоб маблағи 10,1, млн. сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 9,9 млн. сомонӣ ё 97,5 фоиз таъмин гардидааст, ки нисбат ба нақша 253,0 ҳазор сомонӣ кам мебошад.